# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи “ Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.**

Мавзуи таҳқиқотии мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳими илми педагогика ва амалияи таълиму тарбия бахшида шудааст. Дар шароити рушди босуръати ҷомеаи итттилоотӣ ва ворид гардидани технологияҳои рақамӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, масъалаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ аҳаммияти хоса пайдо намудааст. Аз ин рӯ, интихоби мавзуи таҳқиқот аз ҷониби муҳаққиқ саривақтӣ, мубрам ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад. Дар кор мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот ба таври мушаххас муайян гардидааст.Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки заминаҳои назариявии истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълимро таҳлил намуда, роҳҳои самараноки татбиқи онҳоро дар фаъолияти омӯзгорону хонандагон пешниҳод намудааст.

Боби якум **“Асосҳои назариявӣ- методологии истифодаи самаранокии воситаҳои иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон”,** ки муқаққиқ арзиши илмии таҳқиқотро, пеш аз ҳама, дар ин боб ба масъалаҳои марбут ба истифодаи воситаҳои муосири иттилоотию комммуникатсионӣ, технологияҳои рақамӣ ва усулҳои нави таълимро мавриди омӯзиш қарор дода, нақши онро дар баланд бардоштани сифати таълим нишон додааст. Муҳаққиқ дар рисолаи хеш андешаҳои олимони ватанию хориҷиро оид ба масъалаи таҳқиқшаванда таҳлилу баррасӣ намуда, дар асоси онҳо хулосаҳои илмӣ пешниҳод шудаанд.

Боби дуюм **“Мавқеъ ва нақши истифодаи самараноки воситаҳои навоварӣ (инноватсионӣ) дар барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ”** номгузорӣ шудааст. Дар ин боб муҳаққиқ ба масъалаи фаъолгардонии фаъолияти таълимии хонандагон тавассути истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими хонандагон баррасӣ намудааст. Дар заминаи барномаю китобҳои дарсии таҳиягардидаи тибқи технологияҳои инноватсионӣ хонандагон маҳоратҳои зарурӣ ҳосил мекунанд ва донишҳои хешро мустаҳкам мегардонад. Муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқотро нишон дода, муқаррар кардааст, ки истифодаи воситаҳои муосири таълимӣ метавонад ба рушди тафаккури мустақил, баланд гардидани ҳавасмандӣ ба омӯзиш ва ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзандагон мусоидат менамояд.

Автореферат бо забони илмӣ таҳия гардида, сохтори мантиқӣ дорад. Муқаддима, қисмҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳо ба ҳамдигар алоқаманд буда, мазмуни таҳқиқотро пурра инъикос менамоянд.Хулосаҳои пешниҳодшуда аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеоянд, ки аҳаммияти назариявию амалии онҳо равшан нишон дода шудааст.

Муҳаққиқ тавонистааст, дар боби сеюми диссертатсия **“Корҳои таҷрибавӣ- озмоишии истифодаи самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”** номида шудааст, тавассути роҳу воситаҳои фаъоли таълим, корҳои таҷрибавӣ- озмоиширо дар раванди таълим истифода аз васоитҳои иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ мушаххас намуда, натиҷаи онро ба воситаи ҷадвал ва диаграммаҳо муайян карда, нишон додааст. Дар ин қисмати кор муҳаққиқ аз таҷрибаи пешқадами педагогӣ истифодаи мисолҳои бештар аз муассисаҳои пойгоҳӣ ба мақсад мувофиқро нишон дода, натиҷаро дар кор пешниҳод намудааст. Қисми муҳими таҳқиқоти муҳаққиқ ин таҳлили усулҳои ташхиси вобастагии **“Интернет”** мебошад, ки хонандагон дар раванди омӯзиш равиши ҳамаҷониба, аз ҷумла, тестҳо ва саволномаҳо,

ки ба онҳо имкон медиҳанд, ки дараҷаи вобастагӣ ва таъсири онро ба ҳаёти шахс беҳтару хубтар дарк намоянд.

Муҳаққиқ иштироки фаъоли хонандагонро дар мубоҳисаҳои онлайнӣ, вебинарҳо ва лоиҳаҳо нишон дода, тавассути мубодилаи афкор онҳо дар гурӯҳҳо фаъолият намуда, созиш пайдо кунанд.

Муаллиф дар кори хеш моҳияти технологияҳои инноватсиониро, ки барои хонандагон уфуқҳои бепоёни имкониятҳоро мекушоянд ва равишҳои омӯзиш ва ҳамкориро тағйир медиҳанд, нишон додааст. Онҳо на танҳо ба паҳн кардани дониш мусоидат мекунанд, балки ба фароҳам овардани муҳити фарогири таълимӣ мусоидат мекунанд, ки дар он ҳама новобаста аз вазъи иҷтимоӣ ё иқтисодӣ метавонанд ҷойи худро пайдо кунанд. Бо шарофати воситаҳо ба монанди платформаҳои онлайн, барномаҳои интерактивӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, парадигмаи нави раванди таълим дар асоси ҳамкорӣ ва кумаки мутақобила ташаккул меёбад. Технология на танҳо воситаи интиқоли иттилоот, балки иттифоқчиёни калидӣ дар ташаккули робитаҳои иҷтимоӣ ва дастгирии хонандагон дар роҳи худшиносӣ мегардад, муҳаққиқ бо мисолу далелҳои мушаххас дар кор нишон додааст.

Муҳаққиқ дар кор роҳҳои дуруст истифода бурдани технологияҳои муосирро пешниҳод намудаааст, ки хонандагон чӣ тавр аз шабакаҳои **"Интернет"** дар дарс ва хона истифода карда, ба тариқи мустақил метавонанд маводро оид ба мавзуъҳои дарс ва таҳияи лоиҳаҳо ҷустуҷӯ карда, ба супурдани имтиҳонот омода гарданд. Омӯзгорон дар навбати худ метавонанд, дар шабака маводи зарурриро барои омодашавӣ ба дарс (маводи маълумотӣ, машқҳо барои гузаронидани викторинаҳо, олимпиадаҳо, чорабиниҳои беруназсинфӣ оид ба предмет, кроссвордҳо, муаммоҳо) дастрас кунанд.

Дар баробари дастовардҳои зикршуда, дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд:

1. Баъзе масъалаҳои назариявии марбут ба таснифи технологияҳои инноватсионӣ метавонанд муфассалтар шарҳу тавзеҳ дода шаванд.

2. Дар матн баъзе норасоиҳои услубӣ ва таҳририӣ ба назар мерасанд, ки ҳангоми таҳияи варианти ниҳоӣислоҳшаванда мебошанд.

Бо вуҷуди ин камбудиҳо, онҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Автореферати диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи **“Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** кори анҷомёфтаи илмӣ буда, барои дарёфти дараҷаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.12.2024 №493 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
Кафедраи технологияи рақамӣ ва
Амнияти киберии Академияи идоракунии
Давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоқикистон Назаров А. П.

Тел: (+992) 908-08-23-84.
E-mail:ahtam_69@mail.ru

“15” 06 2026 с.

Имзои Назаров А.П. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
Ва корҳои махсуси АИД назди
Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон А.Н. Насурдинзода

Суроғаи муассиса: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Носир 33